ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ифтихори Амонқул дар мавзуи «Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод шудааст.

Адабиёти муосири тоҷик беш аз як аср аст, ки барои ғановати маънавиёти ҷомеа ва баровардани ниёзҳои адабию эстетикии халқ хизмат карда меояд. Адибони ин давра бо такя ба суннат ва анъанаҳои суханофаринии гузашта, мавзуъҳои муҳимму ба талаби замон мувофиқро пайгирӣ намуда, намунаҳои олии каломи бадеиро бо ғояҳои пешқадаму созанда манзури хонанда кардаанд. Дар саргаҳи ин давраи адабиёти тоҷик устод Айнӣ, ҳамсафон ва шогирдони мактаби адабии ӯ қарор доранд. Маҳз бо талошҳои бедареғи эшон равандҳои адабӣ, тамоилҳои эҷодӣ ва ғояҳои миллии адабиёт вусъат пайдо намуд ва бо маҷрои дуруст ворид гардид.

Кори диссертатсионии Ифтихори Амонқул дар мавзуи «Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мутобиқат менамояд.

Мавзуи интихобгардидаи диссертатсияи мазкур ба назари инҷониб мубрам мебошад, зеро то имрӯз роҷеъ ба пайдоиш ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ дар адабиётшиносии муосири тоҷик пажуҳиш нагардидааст, ба риштаи таҳқиқ кашида шудани масоили марбут ба ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори мавсуф аз аҳаммияти илмӣ холӣ нест, бинобар ин рисола аз ҷиҳати муаррифии шоири шаҳири тоҷик нақши назаррас гузошта метавонад.

Аз таҳлили автореферати диссертатсия маълум гардид, ки диссертатсия аз муқаддима, 4 боб, 14 фасл ва 5 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таҳия шудааст.

Муаллиф дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқ ва дараҷаи таҳқиқи мавзуъро асоснок намудааст. Дар бахши тавсифи умумии таҳқиқот дар хусуси мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объект ва

сарчашмаҳои таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва ғайра ифода ёфтаанд.

Дар боби аввали диссертатсия, ки «Ҷойгоҳи Мастон Шералӣ дар адабиёти солҳои 60-80-уми садаи XX» унвон дорад, масоили марбут ба мавқеи шоир дар адабиёти солҳои 60-80-ум мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз се фасл таркиб ёфта, вазъи адабиёти солҳои 60-80-уми асри XX, зиндагиномаи Мастон Шералӣ ва тавсифи мероси адабии шоир таҳқиқ гардида, диссертант қайд мекунад, ки «Мастон Шералӣ аввал машқи шеър намуда, чакидаҳои хомаашро ба дӯстону ҳамсолон ва аҳли хонаводаи худ нишон медодааст. Аввалин шеърро таҳти унвони «Ватан» дар соли 1953 нашр намудааст. Тадриҷан Мастон Шералӣ ба майдони васеи адабиёт ворид гардида, маҷмуаҳои шеърии худро паси ҳам ба дасти чоп дода, хонандаи тоҷикро бо намунаҳои олии каломи ҳунарии худ ошно кардааст» [с. 12].

Боби дуюми диссертатсия, ки аз як фасл ва панҷ зерфасл иборат буда, ба таҳқиқи масъалаҳои марбут ба мавқеи жанрҳои адабӣ дар эҷодиёти Мастон Шералӣ, хусусиятҳои анвои адабии ашъори Мастон Шералӣ, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ ва чаҳорпора дар эҷодиёти шоир, назаре ба шеъри озоди шоир равона гардида, бо овардани мисолҳои мушаххас аз эҷодиёти шоир фикри худро асоснок намудааст.

Диссертант боби сеюми рисоларо ба «Вижагиҳои мавзуӣ ва бадеии ашъори Мастон Шералӣ» бахшидааст, ки аз ҳафт фасл мураттаб сохта, ҷанбаҳои мавзуии эҷодиёти шоир, мавзуъҳои ишқ, иҷтимоӣ, тавсифи Ватан ва Модар, хусусиятҳои забониву вижагиҳои сабкии ашъори шоир ва воситаҳои тасвири бадеӣ дар ашъори Мастон Шералиро ба таҳқиқ фаро гирифта, собит намудааст, ки «Аз ашъори Мастон Шералӣ бармеояд, ки ӯ аз рӯйи ҳавас ва шуҳратхоҳӣ мусофири роҳи шеър набуда, балки бо дили гарми ошиқонаву содиқона ва самимияти баланди инсонӣ иқдом намудааст ва мехоҳад, дар ин ҷода, аз шеъри воло чароғи маърифаташро фурӯзон дошта бошад, ки тавонад, инсонҳоро ба сӯйи зебоиву некиву ишқ, адабу маданият раҳнамоӣ кунад» [с. 23].

Боби чоруми диссертатсия «Вазн, қофия ва радиф дар ашъори Мастон Шералӣ» унвон дошта, аз се фасл иборат буда, ҷойгоҳи авзони арузӣ, анвои қофия дар ашъори Мастон Шералӣ, нақши радиф дар ашъори шоир таҳқиқ шудааст.

Хулосаҳои муаллиф дар ёздаҳ банд ифода ёфтаанд, ки илмиву мантиқӣ буда, натиҷагирии таҳқиқи мавзуи интихобшуда мебошад.

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар гузориши масъала зоҳир гардида, бори аввал ба таври монографӣ таҳқиқ гардидани мавзуи мазкурро

ифода намудааст. Мақсад ва вазифаҳои диссертатсияи мазкур таҳқиқи ҳамаҷонибаи ашъори Мастон Шералӣ дар назми тоҷикии замони нав мебошад, ки диссертант ба мақсади худ расидааст.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқотро метавон дар таълифоти китобҳои дарсӣ ва таҳқиқотӣ вобаста ба таърихи адабиёти муосири тоҷик, навиштани китоби илмӣ дар бораи адибони даврони нави адабиёт, барои таҳқиқу баррасии муҳимтарин махсусиятҳои назми воқеъгарои замони муосир, барои таълифи корҳои курсӣ, рисолаҳои хатму магистрӣ ва амсоли ин мавриди истифода қарор дод.

Бо вуҷуди дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсия дар таҳқиқоти ӯ баъзе иштибоҳоту лағзишҳое роҳ ёфтаанд, ки ба назари эътибор гирифтани онҳо боиси боз ҳам беҳтар гардидани сатҳу сифати фишурдаи диссертатсия хоҳад буд.

1. Дар бахши «Дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ» илова бар номи шоирону нависандагон, аз муҳаққиқони адабиёти муосир ёдоварӣ карда шавад;

2. Агар боби чорум яке аз фаслҳои боби дуюми кор мебуд, мувофиқи матлаб мешуд, зеро дар боби 2-юм ҳам масъалаи вазну қофия ва радиф дар бахши рубоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст;

3. Ҳангоми тарҷумаи ашъори шоир баъзе ноҷӯриҳо ба назар мерасад (саҳ. 45, 46, 50).

Бояд таъкид кард, ки камбудиҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ дошта, ислоҳпазиранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмӣ ва амалии фишурдаи диссертатсияи Ифтихори Амонқулро коста гардонида наметавонад. Пас аз такмилу таҳрир ҳангоми таҳия ва нашри рисола ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии диссертант ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Муаллифи рисола вазифаву ҳадафҳои илмии дар назди худ гузоштаашро ҳал намудааст ва фишурдаи диссертатсияи ӯ таҳқиқоти муҳим андар шинохти ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ дар адабиётшиносии тоҷик ҳисоб меёбад.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Ифтихори Амонқул дар мавзуи «Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ» кори илмии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, комилан мувофиқат дорад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз

рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда: доктори илмҳои филологӣ, дотсент,
декани факултети филологияи тоҷики
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Ӯлмасова Замирахон Ҳабибуллоевна

«01» апрели соли 2026.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд шаҳри Хуҷанд
хиёбони Исмоили Сомонӣ х. 199 ҳ.80
Тел: +(992) 92 7714470
E-mail: zamira_ulmasova @mail.ru

Имзои Ӯлмасова Замирахон Ҳабибуллоевнаро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров» Сайдуллозода Заррина Сайдулло

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд шаҳри Хуҷанд,
кӯчаи Мавлонбекова 1.
Тел.:+(992) 928057007
E-mail: ddhkadr@mail.ru

«01» апрели соли 2026.